Таджики

# ЧАЗО БАРОИ СОДИР НАМУДАНИ ҶИНОЯТҲОИ ХАРАКТЕРИ ТЕРРОРИСТИ ДОШТА ДАР ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ

## (КОДЕКСИ ЧИНОЯТИИ ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ АЗ 13.06.1996 №63-ФЗ)

ТАБЛИГОТ, ДАСТГИРИ ва ИКРОР ШУДАН ба бегунохи, барои содир кардани терроризм холати вазнинкунандаи чазо мебошад **(ст. 63 ҚҶ ФР)**;

Чавобгарии чинояти барои содир намудани ин чиноятхо аз 14 солаги огоз мегардад **(ст. 20 ҚҶ ФР)**;

Барои содир намудани чиноятхои характери террористи дошта мухлати чазо татбик намегардад **(Ст. 78 ҚҶ ФР)**;

Барои содир намудани ин чиноятхо ба НАФАРОНИ ХОМИЛАДОР, ФАРЗАНДОНИ НОБОЛИГДОШТА ва дигарон адои чазо мавку ГУЗОШТА НАМЕШАВАД **(Ст. 82 ҚҶ ФР)**;

АНВОЛ, МАБЛАГ, ЧИЗХОИ КИМАТНОК ва дигар анвол, ки барои содир намудани чиноятхои характери террористи дошта, экстремизм, ташкили иттиходияхои чиноятии ва яроккнок равона гардидаанд ва е истифода шудаанд, МУСОДИРА КАРДА МЕШАВАД **(ст. 104.1 ҚҶ ФР)**.

**Акти террористи:**

- содир намудани ТАРКИШ, СӮХТОР, ки боиси халалдор намудани амнияти чамъияти, боиси ХАВФИ МАРГИ одамон;
- расонидани ЗАРАРИ ҶИДДӢ БА МОЛУ МУЛК ё ба миён омадани оқибатҳои дигари барои ҷамъият хавфнок мегардад, агар ин кирдор бо мақсади халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотхои байналхалки , расонидани таъсир ҷиҳати аз ҷониби мақомоти ҳокимият қабул намудани қарор;
- таҳдиди анҷом додани кирдорҳои зикршуда бо ҳамин мақсадҳо бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз 15 то 20 сол е ХУКМИ ЯКУМРА ҶАЗО ДОДА МЕШАВАД **(ст. 205 ҚҶ ФР)**.

* Шахсе, ки дар омода сохтани кирдори терористӣ иштирок дорад, агар мақомоти давлатиро сари вақт огоҳ созад ё бо роҳи дигар содир гаштани КИРДОРИ ТЕРОРИСТИРО ПЕШГИРӢ КУНАД ва агар дар ҳаракатҳои ин шахс дигар таркиби ҷиноят мавҷуд набошад, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ОЗОД КАРДА МЕШАВАД.

**Ҷалб кардан барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти террористӣ дошта ё мусоидати дигар барои содир намудани онҳо:**
ҶАЛБ КАРДАНИ шахсон барои содир намудани ҷиноятҳои характери террористи дошта ё МОИЛ НАМУДАНИ шахс барои иштирок дар фаъолияти ташкилоти террористӣ, мусаллаҳ намудан ё таълими шахсон бо мақсади содир намудани ҷиноятҳои номбаршуда, инчунин МУСОИДАТ КАРДАН БА ТАРЗИ ДИГАР

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз 15 то 20 сол, ё бо ХУКМИ ЯКУМРА ҶАЗО ДОДА МЕШАВАД.

**Маблағгузории ҷиноятҳои хусусияти террористидошта** – бевосита ё бавосита пешниҳод намудан ё ҷамъ овардани воситаҳо бо мақсади пурра ё қисман истифодаи онҳо ё бо дарки он аз ҷониби террористи алоҳида ё гурӯҳи (ташкилоти) террористӣ ё бо мақсади таъминоти молиявии террористи алоҳида ё гурӯҳи (ташкилоти) террористӣ ё, ки ин воситаҳо барои содир намудани ҷиноятҳои ХАРАКТЕРИ ТЕРРОРИСТИ ДОШТА истифода мегарданд;

**КУМАК Е ДОДИНИ ЕРИ БА ШАХСИ ЧИНОЯТСОДИРКУНАНДА** – укасдан содир намудани чиноят ба додани маслихат, чамъ намудани маълумлт ва е додан, кумак намудан барои ба даст овардани предмети чиноят, анволи содир намудани чиноят, рафъи монеахо барои содир намудани чиноят, бо мақсади содир кардан, банақшагирӣ, тайёр кардан ё иштирок дар содир намудани акти (актҳои) террористӣ ва ё барои тайёр намудани террористон ё гузаштан аз чунин тайёрӣ **(ст.205.1 ҚҶ ФР)**.

**ДАЪВАТИ ОММАВӢ барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти террористидошта ва (ё) сафедкунии оммавии фаъолияти террористӣ**

- Даъвати оммавӣ барои содир намудани ҷиноятҳои характери террористи дошта, инчунин САФЕДКУНИИ ОММАВИИ ФАЪОЛИЯТИ ТЕРРОРИСТӢ,
- ТАБЛИГОТИ ТЕРРОРИЗМ - пахн намудани маводхо ва е маълумотхое, ки боиси сохтани мафкураи умумии террористи мегардад, боиси пайдо шудани мафкураи оммави оиди содир намудани чиноятхои характери террористи мегардад

бо чарима ба маблаги аз 300 хазор то як миллион рубл, ё ба маблаги музди мехнат ва дигар намудаи даромади судшаванда ба мухлати аз се то панч сол маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз панҷ то хафт, бо машгул шудан ба фаъолияти муаян ба мухлати то 5 сол чазо дода мешавад **(ст. 205.2 ҚҶ ФР)**.

**ОМУЗИШ БА ФАЪОЛИЯТИ ТЕРРОРИСТИ дар хоричи кишвар** бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз 15 то 20 сол, ё бо ХУКМИ ЯКУМРА ҶАЗО ДОДА МЕШАВАД **(ст. 205.3 ҚҶ ФР)**.

**ТАЪСИСИ ИТТИХОДИЯИ ТЕРРОРИСТИ ва иштирок дар вай** бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз 5 то 10 сол, ё бо чарима ба маблаги то 500 хазор, ё бо маблаги миёнаи маоши судшаванда то се сол ҷазо дода мешавад **(ст. 205.4 ҚҶ ФР)**.

**ТАЪСИСИ фаъолияти ИТТИХОДИЯИ ТЕРРОРИСТИ ВА ИШТИРОК ДАР ВАЙ** бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз 10 то 20 сол, ё бо чарима ба маблаги то 500 хазор, ё бо маблаги миёнаи маоши судшаванда то се сол ҷазо дода мешавад **(ст. 205.5 ҚҶ ФР)**.

**ХАБАР НАДОДАН ОИДИ ЧИНОЯТ** бо чарима ба маблаги то 100 хазор, ё бо маблаги миёнаи маоши судшаванда то ШАШ МОХ: КОРХОИ МАЧБУРИ ТО ЯК СОЛ **(ст. 205.6 ҚҶ ФР)**.

**АБАРИ БАРДУРУГ ОИДИ АКТИ ТЕРРОРИСТИ** бо чарима ба маблаги аз 1,5 то 2 миллион, ё бо маблаги миёнаи маоши судшаванда ба мухлати аз 2 то се сол; бо махдуд кардан аз озоди ба мухлати аз 8 то 10 сол ҷазо дода мешавад **(ст. 207 ҚҶ ФР)**.

**ДАЪВАТИ ОММАВӢ барои содир намудани фаъолияти экстремисти**
Даъвати оммавӣ барои содир намудани ҷиноятҳои характери террористи дошта, инчунин сафедкунии оммавии фаъолияти террористӣ, чазо дода мешавад:

- чарима ба маблаги аз 100 хазор то як 300 хазор рубл, ё ба маблаги музди мехнат ва дигар намудаи даромади судшаванда ба мухлати аз 1 то 2 сол, ё корхои мачбури то се сол,
- хабс аз чор мох то шаш мох, маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то чор сол, бо машгул шудан ба фаъолияти муаян ба мухлати то 4 сол чазо,
- бо содир намудан ба воситахои ахбори омма инчунин ба воситаи комуникатсияхои иттилооти чазо дода мешавад ба корхои мачбури ба мухлати то 5 сол бо махдуд намудан ба ишголи ин е он вазифа ба мухлати то се сол, аз озоди махдуд намудан ба мухлати то 5 сол бо машгул шудан ба ин е он намуди фаъолияти ба мухлати 3 сол чазо дода мешавад **(ст. 280 ҚҶ ФР)**.